Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон

# Шарҳи вазъи низоми суғуртаи амонату пасандозҳо

Семоҳаи 3 | 2025

## Шарҳи вазъи низоми суғуртаи амонату пасандозҳо дар семоҳаи сеюми соли 2025

Дар семоҳаи сеюми соли 2025 вазъи низоми суғуртаи амонату пасандозҳо ва нишондиҳандаҳои асосии он тамоили муътадилро идома дод. Дар ин давра тағйирёбии сохторӣ дар ташкилотҳои қарзии алоҳида, устувории ҳаҷми амонату пасандозҳо ва муҳиман ба вуқуъ наомадани ҳолати суғуртавӣ мушоҳида гардид.

Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон (минбаъд Хазина) ҳамчун мақоми ваколатдор фаъолияти худро пеш аз ҳама бо мақсади ҳимояи давлатии ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии пасандоздорон, иҷрои вазифаҳои тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо" (минбаъд Қонун) муайяншуда ҷиҳати таъмини фаъолияти низоми суғуртаи амонату пасандозҳо, мусоидат ба нигоҳдории суботи низоми молиявӣ ва таҳкими боварии аҳолӣ ба низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон, идома дод.

### 1.1. Иштироки ташкилотҳои қарзӣ дар низоми суғуртаи амонату пасандозҳо

Мутобиқи Қонун ҳар як ташкилоти қарзие, ки иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистонро барои ҷалби амонату пасандозҳо дорад, узви Хазина мебошад. Дар семоҳаи сеюми соли 2025 теъдоди умумии ташкилотҳои қарзӣ – узви низоми суғуртаи амонату пасандозҳо бетағйир монд, вале дар сохтори онҳо ва мувофиқан дар Феҳристи ташкилотҳои қарзии низоми суғуртаи амонату пасандозҳо тағйиротҳои зерин ба амал омаданд:

- тасдиқномаи ҶСП Ташкилоти амонатии қарзии хурд (ТАҚХ) "Ҳумо" дар бораи узвият ба Хазина (аз 19.06.2023, №046) бинобар табдилёбӣ ба бонк аз эътибор соқит дониста шуда, ба ҶСП "Ҳумо Бонк" тасдиқнома дар бораи узвият ба Хазина аз санаи 29.07.2025 таҳти №078 дода шуд;
- тасдиқномаи ҶДММ ТАҚХ "Доро Пэй" дар бораи узвият ба Хазина (аз 31.12.2024, №074) бинобар ивази ном ба ҶДММ ТАҚХ "Доро Молия" аз эътибор соқит дониста шуда, ба ҶДММ ТАҚХ "Доро Молия" тасдиқнома дар бораи узвият ба Хазина аз санаи 25.08.2025 таҳти №079 дода шуд;
- тасдиқномаи ҶДММ Ташкилоти қарзии ғайрибонкии (ТҚҒ) "Васл" дар бораи узвият ба Хазина (аз 19.06.2023, №067) бинобар табдилёбӣ ба бонк аз эътибор соқит дониста шуда, ба ҶСП "Васл Бонк" тасдиқнома дар бораи узвият ба Хазина аз санаи 11.09.2025 таҳти №080 дода шуд.

Ҳамин тариқ, як ташкилоти амонатии қарзии хурд ва як ташкилоти қарзии ғайрибонкӣ бинобар табдил дода шудан ба бонк аз Феҳристи

ташкилотҳои қарзии низоми суғуртаи амонату пасандозҳо хориҷ карда шуда, ду бонки навтаъсис ба феҳристи мазкур дохил кард шуданд.

Дар натиҷа, ба ҳолати 30.09.2025 сол ташкилотҳои қарзии узви Хазина 37 ададро ташкил доданд, ки аз он 15 адад бонк ва 22 адад ташкилотҳои амонатии қарзии хурд мебошад.

Ташкилотҳои қарзии узви Хазина (адад)

| | Семоҳаи 3 2024 | Семоҳаи 4 2024 | Семоҳаи 2 2025 | Семоҳаи 3 2025 |
|---|---|---|---|---|
| Бонкҳо | 12 | 13 | 13 | 15 |
| ТАҚХ | 19 | 21 | 23 | 22 |
| ТҚҒ | 1 | 1 | 1 | 0 |
| **Ҳамагӣ** | 32 | 35 | 37 | 37 |

## 1.2. Пасандозҳои суғурташудаи ташкилотҳои қарзӣ ва сохтори он

Тибқи ҳисоботҳо дар семоҳаи 3 соли 2025 суръати афзоиши ҳаҷми пасандозҳои суғурташуда дар ташкилотҳои қарзии узви Хазина, яъне маблағи суратҳисобҳои амонату пасандозии шахсони воқеӣ, соҳибкорони инфиродӣ, субъектҳои соҳибкории хурд ва ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, ки тибқи Қонун объекти ҳатмии суғурта мебошанд, нисбатан сусттар гардид.

Ба ҳолати 30.09.2025 бақияи умумии амонату пасандозҳои суғурташуда 14,5 млрд. сомониро ташкил дод, ки он нисбат ба семоҳаи қаблӣ ҳамагӣ 1,0 фоиз ва нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ба андозаи 36,3 фоиз зиёд мебошад.

Ҳаҷми пасандозҳои суғурташуда (семоҳа, млрд. сомонӣ)



Суръати афзоиши пасандозҳои суғурташуда (афзоиши солона, бо фоиз)




Дар маҷмуъ, бо назардошти аз ҷониби Хазина бо суғурта фаро гирифта шудани объектҳои ҳатмии суғурта, дар давраи баррасишаванда пасандозҳои суғурташуда 68,0 фоизи ҳаҷми умумии амонату пасандозҳои дар ташкилотҳои қарзӣ - узви Хазина бударо ташкил дод. Аз ҷумла, ҳаҷми умумии амонату пасандозҳо дар ташкилотҳои қарзии мазкур 21,3 млрд. сомониро ташкил дод, ки аз он тавре дар боло қайд гардид, 14,5 млрд. сомонӣ мавриди суғурта қарор дода мешавад.

**Пасандозҳои суғурташуда дар ташкилотҳои қарзӣ-узви Хазина (интиҳои давра, млрд. сомонӣ)**

| | Семоҳаи 3 2024 | Семоҳаи 4 2024 | Семоҳаи 2 2025 | Семоҳаи 3 2025 |
|---|---|---|---|---|
| Ҳаҷми умумии пасандозҳо дар низоми бонкӣ | 22,5 | 25,5 | 29,3 | 30,3 |
| Ҳаҷми умумии пасандозҳо дар ташкилотҳои қарзӣ-узви Хазина[1] | 16,2 | 18,2 | 19,3 | 21,3 |
| **Пасандозҳои суғурташуда дар ташкилотҳои қарзӣ-узви Хазина, аз ҷумла:** | **10,6** | **12,0** | **14,4** | **14,5** |
| Шахсони воқеӣ | 10,0 | 11,5 | 13,5 | 13,8 |
| Шахсони ҳуқуқӣ | 0,6 | 0,5 | 0,9 | 0,7 |

Ҳиссаи бештари пасандозҳои суғурташуда - 95,4 фоиз ба амонату пасандозҳои шахсони воқеӣ, аз он ҷумла соҳибкорони инфиродӣ рост омада,

[1] Ба истиснои 2 бонки давлатӣ ва 1 бонки исломӣ, ки узви Хазина намебошанд.

боқимондаи ҳиссаи он – 4,6 фоизро амонату пасандозҳои шахсони ҳуқуқӣ, аз ҷумла субъектҳои соҳибкории хурд ва ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ташкил доданд. Ҳамзамон, ҳиссаи амонату пасандозҳои суғурташуда бо пули миллӣ 60,0 фоиз ва бо асъори хориҷӣ 40,0 фоизро ташкил дод.

**Сохтори асъории пасандозҳои суғурташуда (бо фоиз)**




Дар сохтори пасандозҳои суғурташуда ҳиссаи амонатҳои дархостӣ 4,9 фоиз, амонатҳои пасандозӣ 50,6 фоиз ва пасандозҳои муҳлатнок 44,5 фоизи ҳаҷми умумии амонату пасандозҳоро ташкил доданд.

**Сохтори пасандозҳои суғурташуда аз рӯи намуди амонат (бо фоиз)**




## 1.3. Пасандоздорони суғурташуда

Ба ҳолати 30 сентябри соли 2025 шумораи пасандоздорони суғурташуда дар ташкилотҳои қарзӣ-узви Хазина 3,6 млн. нафарро ташкил дод, ки ин нисбат ба семоҳаи қаблӣ ба андозаи 8,6 фоиз ва ҳамин давраи соли

гузашта 61,6 фоиз зиёд мебошад. Аз шумораи умумии пасандоздорони суғурташуда ҳиссаи афзалиятнок – 99,8 фоиз ба шахсони воқеӣ рост омада, ҳамагӣ 0,2 фоизи пасандоздоронро шахсони ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд.

Шумораи пасандоздорони суғурташуда (млн. нафар)




Бояд қайд кард, ки аз шумораи умумии пасандоздорони суғурташуда маблағи 98,4 фоизи пасандоздорон дар доираи андозаи ҷубронпулии суғурта, яъне дар доираи 35 000 сомонӣ буда, пурра рӯйпӯш карда шудааст. Боқимондаи пасандоздорон, ки маблағи амонату пасандозҳояшон аз андозаи ҷубронпулӣ зиёд аст, қисман рӯйпӯш карда шудаанд.

Дар доираи маблағи ҷубронпулӣ пурра рӯйпӯш гардидани 98,4 фоизи пасандоздорон нишондиҳандаи баланд буда, аз он гувоҳӣ медиҳад, ки аксари пасандоздорони суғурташуда аз ҷониби Хазина пурра ҳимоя карда шудаанд.

Ҳиссаи пасандоздорони пурра суғурташуда (бо фоиз)



## 1.4. Уҳдадориҳои суғуртавии Хазина

Дар давраи баррасишаванда ҳаҷми умумии уҳдадориҳои суғуртавӣ, ки уҳдадориҳои потенсиалии Хазинаро аз рӯи пардохти ҷубронпулии суғурта дар ташкилотҳои қарзии узви Хазина нишон медиҳад, дар маҷмуъ бетағйир боқӣ монд. Аз ҷумла, ба санаи 30 сентябри соли 2025 уҳдадориҳои Хазина аз рӯи пасандозҳои суғурташуда 5,4 млрд. сомониро ташкил дод, ки ин нисбат ба семоҳаи қаблӣ ба андозаи 0,4 фоиз кам ва нисбат ба ҳамин санаи соли гузашта 27,4 фоиз зиёд мебошад.

Уҳдадориҳои суғуртавии Хазина (млрд. сомонӣ)




Дар сохтори уҳдадориҳо ҳиссаи пасандозҳои суғурташуда, ки ҳаҷмашон дар доираи андозаи ҷубронпулӣ аст, 62,9 фоиз (3,4 млрд. сомонӣ)-ро ташкил дод, ҳол он ки ҳиссаи пасандозҳое, ки ҳаҷмашон аз андозаи ҷубронпулӣ зиёд аст, 37,0 фоиз (2,0 млрд. сомонӣ)-ро ташкил дод.

Сохтори уҳдадориҳои суғуртавии Хазина (интиҳои давра, млрд. сомонӣ)

| | Семоҳаи 3 2024 | Семоҳаи 4 2024 | Семоҳаи 2 2025 | Семоҳаи 3 2025 |
|---|---|---|---|---|
| Ҳаҷми умумии пасандозҳои суғурташуда, аз ҷумла: | 10,6 | 12,0 | 14,4 | 14,5 |
| Дар доираи андозаи ҷубронпулӣ | 2,8 | 3,1 | 3,5 | 3,4 |
| Аз андозаи ҷубронпулӣ зиёд | 7,8 | 8,9 | 10,9 | 10,9 |
| **Уҳдадориҳои суғуртавии Хазина, аз ҷумла:** | **4,3** | **4,8** | **5,5** | **5,4** |
| Дар доираи андозаи ҷубронпулӣ | 2,8 | 3,1 | 3,5 | 3,4 |
| Аз андозаи ҷубронпулӣ зиёд | 1,5 | 1,7 | 2,0 | 2,0 |

Суръати афзоиши уҳдадориҳои суғуртавӣ (афзоиши солона, бо фоиз)




Бештари уҳдадориҳои суғуртавии Хазина ба шахсони воқеӣ, аз ҷумла соҳибкорони инфиродӣ рост меояд, ки маблағи он 5,4 млрд. сомонӣ ё худ 99,2 фоизи ҳаҷми умумии уҳдадориҳоро ташкил медиҳад. Уҳдадории суғуртавӣ дар назди шахсони ҳуқуқӣ бошад маблағи 43,2 млн. сомонӣ ё 0,8 фоизи ҳамаи уҳдадориҳои Хазинаро ташкил медиҳад.

Сохтори уҳдадории суғуртавии Хазина аз рӯи моликият (бо фоиз)




### 1.5. Ҳолатҳои суғуртавӣ дар ташкилотҳои қарзии узви Хазина ва пардохти ҷубронпулӣ ба пасандоздорони суғурташуда

Дар семоҳаи сеюми соли 2025 дар ягон ташкилотҳои қарзии узви Хазина ҳолати суғуртавӣ ба вуқуъ наомад, ки ин боиси қаноатмандӣ буда, дар

маҷмуъ аз вазъи муътадил ва фаъолияти босуботи низоми бонкӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дар давоми семоҳаи сеюми сол Хазина танҳо ба ду нафар пасандоздори бонки барҳамдодашудаи ҶСК "Агроинвестбонк", ки оид ба тамдиди муҳлати гирифтани маблағи ҷубронпулии суғуртавӣ дар асоси Қонун бо ариза ба Хазина муроҷиат карданд, ба маблағи 32,4 ҳаз.сомонӣ ҷубронпулии суғуртавӣ пардохт кард. Аз аввали соли ҷорӣ бошад Хазина ба 5 нафар пасандоздорони бонки барҳамдодашудаи мазкур ба маблағи 70,7 ҳаз. сомонӣ ҷубронпулӣ пардохт кардааст.

Дар умум, аз соли 2016 то санаи 30.09.2025 маблағи умумии ҷубронпулии суғуртавии ба пасандоздорони 18 ташкилоти қарзии барҳамхӯрда пардохтшуда, маблағи 212,4 млн. сомонӣ, аз он ҷумла ба пасандоздорони ҶСК "Агроинвестбонк" ва ҶСК "Тоҷиксодиротбонк – 189,0 млн. сомониро ташкил дод.

Ҳолатҳои суғуртавӣ дар ташкилотҳои қарзии аъзои Хазина

| | Ба ҳолати 31.06.2025 | Ба ҳолати 30.09.2025 | Фарқият (+/-) |
|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ (адад) | 18 | 18 | 0 |
| Бонкҳо | 6 | 6 | 0 |
| ТАҚХ | 12 | 12 | 0 |
| Ҳамагӣ ҷубронпулӣ пардохт карда шуд (ҳаз. сомонӣ) | 212 349,4 | 212 381,8 | 32,4 |

## 1.6. Фаъолияти сармоягузорӣ ва идоракунии маблағҳои Хазина

Фаъолияти сармоягузорӣ яке аз вазифаҳои муҳими Хазина ҷиҳати ташаккул ва андӯхти маблағҳои Хазина ба ҳисоб меравад. Бо назардошти сарчашмаҳои тибқи Қонун барои сармоягузорӣ муайян кардашуда ва дар шароити кунунии бозори коғазҳои қиматнок, Хазина дар семоҳаи сеюми соли 2025 ҷойгирнамоии маблағҳои озоди худро ба коғазҳои қиматноки давлатии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон идома дод.

Аз ҷумла, дар ин давра 3 музоядаи бароруши коғазҳои қиматноки давлатӣ дар ҳаҷми умумии 170,0 млн. сомонӣ ва аз аввали сол 10 музоядаи мазкур ба маблағи 600,0 млн. сомонӣ аз ҷониби Вазорати молияи ҶТ тавассути "Биржаи фондии Осиёи Марказӣ" баргузор гардид. Муҳлатнокии воситаҳои молиявии мазкур 6, 12, 24 ва 36 моҳро ташкил дод. Меъёри фоизҳои воситаҳои молиявӣ вобаста аз муҳлат аз 5,0 то 12,5 фоизи солонаро ташкил дод.

Вобаста ба ин, Хазина бо мақсади таъмини фаъолияти босамари сармоягузории маблағҳои озоди худ ва гирифтани даромади ҷолибнок, дар давраи ҳисоботӣ дар музоядаҳои коғазҳои қиматноки давлатӣ фаъолона ба маблағи 54,2 млн. сомонӣ ва аз аввали сол 232,6 млн. сомонӣ иштирок намуд.

Иштироки Хазина дар бозори коғазҳои қиматнок (млн. сомонӣ)




Меъёри даромаднокии миёнавазни сармоягузориҳои Хазина ба коғазҳои қиматноки давлатӣ 8,5 фоизи солонаро ташкил дод. Дар маҷмуъ, даромади гирифташудаи Хазина аз ҳисоби хариди коғазҳои қиматноки давлатӣ ба ҳолати 30.09.2025 сол маблағи 12,1 млн. сомониро ташкил дод, ки ин нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ 2,7 маротиба зиёд мебошад.

Даромад аз фаъолияти сармоягузорӣ (млн. сомонӣ ва бо фоиз)



## 1.7. Нишондиҳандаҳои молиявии Хазина

Дар давраи баррасишаванда вобаста ба иҷрои вазифаҳои қонунии худ дар самти ҳимояи ҳуқуқҳои қонунии пасандоздорон, афзоиши муътадили дороиҳои Хазина таъмин карда шуд.

Тибқи ҳисоботи тавозунӣ ба санаи 30 сентябри соли 2025 ҳаҷми умумии маблағҳои Хазина 470,3 млн. сомониро ташкил дод, ки он нисбат ба семоҳаи қаблӣ 3,8 фоиз ва аввали сол 66,8 фоиз зиёд мебошад. Афзоиши дороиҳои Хазина дар семоҳаи сеюми соли равон асосан бо вуруди пардохтҳои тақвимии ташкилотҳои қарзии аъзои Хазина, инчунин даромади аз ҳисоби фаъолияти сармоягузорӣ ва идоракунии маблағҳои Хазина бадастомада, вобастагӣ дошт.

**Тамоюли тағйирёбии маблағҳои Хазина (млн. сомонӣ ва бо фоиз)**




Андозаи ҳадди аксари маблағи Хазина[2], ки таносуби маблағи Хазинаро нисбат ба ҳаҷми умумии пасандозҳои суғурташудаи ташкилотҳои қарзӣ инъикос менамояд, нисбат ба семоҳаи қаблӣ бетағйир боқӣ монда, ба ҳолати 30 сентябри соли 2025 нишондоди 3,24 фоизро ташкил дод (дар ҳамин давраи соли 2024 – 2,4 фоиз буд).

Хазина ҷиҳати таъмини устуворӣ ва кифоятии имкониятҳои молиявии худ бо мақсади иҷрои уҳдадорӣ ҳангоми фаро расидани ҳолатҳои эҳтимолии суғуртавӣ, минбаъд низ дар самти амалиётӣ кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки идоракунии босамари дороиҳоро тақвият дода, ба андозаи дар Қонунмуайяншудаи ҳадди аксари маблағи Хазина наздик гардад.

[2] Андозаи ҳадди аксари маблағи Хазина, яъне сатҳи кифоятии маблағи Хазина тибқи Қонун дар ҳаҷми 7 фоизи бақияи умумии пасандозҳои суғурташуда, ки дар ташкилотҳои қарзӣ мавҷуд аст, муқаррар карда шудааст.

## 1.8. Феҳристи ташкилотҳои қарзии узви Хазина (ба санаи 30.09.2025)

| № | Номгӯи ташкилотҳои қарзӣ | Тасдиқнома № |
|---|---|---|
| | Бонкҳо | |
| 1 | ҶСК “Ориёнбонк” | № 002 |
| 2 | ҶСК ”Бонки Эсхата” | № 006 |
| 3 | ҶСП ”Бонки рушди Тоҷикистон” | № 010 |
| 4 | ҶСП ”Актив Бонк” | № 070 |
| 5 | ҶСП ”Спитамен Бонк” | № 013 |
| 6 | ҶСП  Бонки "Арванд" | № 025 |
| 7 | ҶСП "Бонки байналмилалии Тоҷикистон" | № 055 |
| 8 | ҶСК "Алиф-Бонк" | № 056 |
| 9 | ҶСК ”Коммерсбонки Тоҷикистон” | № 058 |
| 10 | Шуъбаи бонки “Тиҷорат”-и ҶИЭ дар ш.Душанбе | № 060 |
| 11 | ҶСП “Душанбе Сити Бонк” | № 064 |
| 12 | ҶСП ”Бонки сармоягузорӣ ва қарзии Тоҷикистон" | № 072 |
| 13 | ҶСП "Фридом Бонки Тоҷикистон" | № 073 |
| 14 | ҶСП “Ҳумо Бонк” | № 078 |
| 15 | ҶСП "Васл Бонк" | № 080 |
| | Ташкилотҳои амонатии қарзии хурд | |
| 16 | ҶСП ТАҚХ “Ҳамров” | № 016 |
| 17 | ҶДММ ТАҚХ ”Финка” | № 022 |
| 18 | ҶДММ ТАҚХ ”Зудамал” | № 023 |
| 19 | ҶДММ ТАҚХ “Матин” | № 026 |
| 20 | ҶДММ ТАҚХ "Арғун" | № 027 |
| 21 | ҶДММ ТАҚХ “Сомон-Тиҷорат” | № 038 |
| 22 | ҶДММ ТАҚХ “Азизӣ - Молия” | № 041 |
| 23 | ҶСП ТАҚХ "Имон Интернешнл" | № 044 |
| 24 | ҶДММ ТАҚХ "Тезинфоз" | № 045 |
| 25 | ҶДММ ТАҚХ "Сарват" | № 049 |
| 26 | ҶСП ТАҚХ “Ардо капитал” | № 059 |
| 27 | ҶДММ ТАҚХ “Пайванд Гурух” | № 062 |
| 28 | ҶДММ ТАҚХ “Фурӯз” | № 063 |
| 29 | ҶСП ТАҚХ “Сандуқ” | № 065 |
| 30 | ҶСП ТАҚХ "Шукр Молия" | № 066 |
| 31 | ҶДММ ТАҚХ "Эмин Сармоя" | № 068 |
| 32 | ҶДММ ТАҚХ "Баракат Молия" | № 069 |
| 33 | ҶДММ ТАҚХ ЛОЛС "Молия” | № 071 |
| 34 | ҶДММ ТАҚХ "Доро Молия" | № 079 |
| 35 | ҶСП ТАҚХ "Бинес Капитал" | № 075 |
| 36 | ҶДММ ТАҚХ "Стандарт Молия" | № 076 |
| 37 | ҶДММ ТАҚХ “Ганҷ Молия” | № 077 |